## Тақризи

**муқарризи расмӣ оид ба диссертатсияи М.А. Гадоев дар мавзӯи: «Хусусиятҳои клиникӣ - лабораторӣ ва такмили муоличаи беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷояги бо сили шуш», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ**

**Мубрамияти тадқиқот.** Сил бемории сироятиест, ки ба тамоми организм таъсир мерасонад. Ҳангоми нагузаронидани муоличаи саривактӣ сили шуш дар беморони синнусоли репродуктивӣ ба зарарёбии махсуси узвҳои репродуктивӣ бурда мерсонад, ки ин дар навбати худ боиси як қатор оризаҳо аз тарафи низоми реподуктивӣ гашта, мавҷудияти сироятҳои ҳамроҳшудаи урогениталӣ бошад, ин равандро боз ҳам мушкилтар мегардонад. Дар беморони сили роҳҳои нафаскашӣ сироятҳои урогениталӣ дар байни тамоми бемориҳои ҳамроҳшуда дар 50 %-и ҳолатҳо ошкор карда мешаванд.

Аз рӯи маълумотҳои як қатор тадқиқотчиён дар беморони шакли фаъоли сили шуш дар 24 %-и ҳолатҳо дар анамнез сироятҳое ошкор мегарданд, ки бо роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузаранд. Дар 14-41%- ҳолатҳо сирояти силӣ дар роҳҳои пешоб устувор мешавад, ки барои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаштани сироят шароит фароҳам меорад. Дар тадқиқотҳои як қатор муаллифон ошкор карда шудааст, ки дар беморони бо шаклҳои деструктивии сили шуш дар 73 %-и ҳолатҳо сироятҳои хламидиявӣ ва микоплазмавӣ ошкор мегардад. Гузаронидани курси муоличаи овозии резонансӣ ба ин беморон дар бартараф сохтани сирояти хламидиявӣ самаранокии муоличаи комплексии сили шушро то 89,1% баланд мебардорад. Сироятҳои урогениталӣ дар беморони сили шуш дар заминаи норасогии масунии такрорӣ ва норасогии функсионалии ҳуҷайраҳои иммуноунсурӣ ҷараён меёбад. Исбот карда шудааст, ки дар беморони сили шуш норасогии масунии такрорӣ таъсири

омилҳои бегонаро мушкил мегардонад, ки ин омилҳо ҳам бо роҳи экзогеннӣ ва ҳам бо роҳи эндогеннӣ ворид гашта, ба авҷгирии равандҳои илтиҳобӣ бурда мерасонанд, ки он дар заминаи муолиҷаи химиявии зиддисилӣ дар ин беморон боз ҳам мушкил гашта, ба оризаҳои ҷиддӣ бурда мерасонад.

Дар алоқамандӣ ба навиштаҳои боло кори диссертатсионии Гадоев М.А., ки дар он хусусиятҳои клиникӣ - лабораторӣ ва иммунологии сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда(СБРАҶГ) дар бемрони сили шуш мавриди омӯзиш қарор дода шуда, инчунин самаранокиии муолиҷаи комплексӣ бо назардошти вайроншавиҳои ошкоршуда исбот карда шудааст, бе ягон шакку шубҳа аҳамияти калонро доро мебошад. Ҳадафи тадқиқот ба таври мушаххас баён ёфта, зарурияти тадқиқотҳои гузаронидашуда қайд карда шудааст. Барои ба ҳадафҳои гузошташуда расидан вазифаҳои алоҳида муайян карда, пай дар пай ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертатсия аз рӯи нақшаи маъмулӣ навишта шуда, дар 159 саҳифаи матни компютерӣ ҷой дода шудааст ва аз муқаддима, бобҳои шарҳу тавзеҳи адабиёт, мавод ва усулҳои тадқиқот, се боби тадқиқотҳои худӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулоса ва ҷамъбаст ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад ва 163 сарчашмаро дар бар мегирад, ки 61-тои он адабиёти хориҷӣ мебошанд. Дар диссертатсия 18 ҷадвал ва 18 расм ҷой дода шудаанд.

Дар муқаддима муаллиф ба таври мухтасар зарурияти гузаронидани тадқиқотҳои худиро асоснок намуда, ҳадаф, мақсад, вазифаҳои тадқиқот, аҳамияти илмӣ - амалӣ ва муқарраротеро, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, нишон медиҳад.

Шарҳу тавзеҳи адабиёт дар асоси таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои русӣ ва хориҷӣ навишта шудааст. Дар ин боб ба муаллиф муяссар гаштааст, ки назарияҳои муосирро ба сабаб ва оқибатҳои паҳншавии сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, таъсири сирояти силӣ ба ҷараёни СБРАҶГ-и урогениталӣ, хусусиятҳои вайроншавиҳои масунӣ ҳангоми сироятҳои урогениталӣ ва сили шуш, инчунин принсипҳои ҳозиразамони муолиҷаи

сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва сили шушро ба таври кофӣ баён намояд. Дар хулоса, муллиф ба масъалаҳое, ки ба омӯзиши минбаъда зарурат доранд, ишора намудааст.

Дар боби дуюм тавсифоти клиникии беморони муоинашуда, усулҳои гузаронидани тадқиқот пешниҳод гардида, усулҳои муолиҷаи гузаронидашуда ба таври муфассал оварда шудаанд.

Дар се боби минбаъдаи диссертатсия унвонҷӯ натиҷаҳои тадқиқотҳои худиро меорад. Муаллиф 135 беморони сили шуши синнусоли 20-40-солаи бо бемориҳои ҳамроҳи урогениталиро, ки гурӯҳи асосиро ташкил медоданд ва 90 нафар беморони аз рӯи синну сол ва ҷинс мувофиқ ва бо сироятҳои урогениталии сили шуш набударо мавриди муоина ва таҳқиқ қарор додааст.

Боби сеюм ба таҳлили зуҳуротҳои клиникии сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, ки аз сили шуш азият мекашанд, бахшида шуда, маълум сохтааст, ки дар ин беморон СБРАҶГ ба таври торпидӣ ҷараён меёбанд ва дар муқоиса бо шахсоне, ки сили шуш надоранд, бо ҷараёни музминашон характернок мебошанд. Дар ин боб муаллиф зуҳуроти клиникии оризаҳои СБРАҶГ-ро дар мардон ва заноне, ки сили шуш доранд, ба таври муфассал баён намудааст. Муаллиф нишон додааст, ки дар заминаи сили шуш оризаҳои СБРАҶГ дар мардон 2,2 маротиба ва дар занон 3,7 маротиба нисбат ба беморони СБРАҶГ-и бе сили шуш бештар рушд меёбанд.

Боби чорум ба омӯзиши нишондодҳои масунии беморони сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, ки аз сили шуш азият мекашанд бахшида шудааст. Муаллиф таҳлили муқоисавии нишондодҳои масунияти ҳуҷайравӣ ва гуморалиро дар гурӯҳҳои асосӣ ва назоратӣ вобаста ба фаъолнокии раванди сироятӣ гузаронида, ошкор сохтааст, ки ҷараёни музмини раванди илтиҳобиро тағйиротҳои нисбатан возеҳи масунияти ҳуҷайрагӣ ва гуморалӣ ҳамроҳӣ менамоянд, ки ба ақидаи муаллиф ин ба муолиҷаи химиявии дар ин гурӯҳи беморон гузаронидашуда алоқамандӣ

дорад. Дар ҳамин боб муаллиф натиҷаҳои профили ситокиниро дар беморони муоинашуда баён намуда, ишора мекунад, ки дар гурӯҳи асосӣ вайроншавӣ дар низоми интерлейкинҳои пешазилтиҳобӣ ва зиддиилтиҳобӣ 1,2 маротиба дар муқоиса ба гурӯҳи назоратӣ (65,2% муқобили 55,6%) тезтар ба мушоҳида мерасад. Дар ҳамин ҳол вайроншавии интерлейкинҳо 1,2 маротиба нисбат ба гурӯҳи назоратӣ ҳангоми сирояти алоҳидаи СБРАҶГ ва 3,3 маротиба бештар ҳангоми якҷояшавии сироятҳои урогениталӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар боби панҷум муаллиф арзёбии муқоисавии самаранокии муолиҷаи антибактериалиро дар заминаи муолиҷаи стандартии комплексии зиддисилии химиявӣ бо бемороне меорад, ки муолиҷаи омехтаи зиддибактериалии СБРАҶГ-ро бо иммуномодулятори Тимогар гирифтаанд. Муаллиф бартарии зиёди усули таҳрикии масунии муолиҷаро бо истифодаи Азитромитсин ва Тимогар дар якҷоягӣ бо муолиҷаи зиддисилии антибактериалӣ дар беморони СБРАҶГ, ки аз сили шуш азият мекашанд, дар муқоиса ба монотерапияи Азитромитсин дар якҷоягӣ бо муолиҷаи зиддисилии антибактериалӣ ошкор намудааст. Муаллиф нишон додааст, ки натиҷаҳои мусбӣ ҳангоми муолиҷаи таҳрикии масунӣ дар 90,0 %-и беморон, аз ҷумла дар 31, 7 % шифоёбии клиникӣ, дар 58,3% беҳтаршавии клиникӣ ба даст омадаанд, ки ин дар муқоиса бо бемороне, ки танҳо муолиҷаи этиотропии Азитромитсинро гирифта, натиҷаҳои мусбӣ дар 60% ҳолатҳо (дар 18,3% беморон – шифоёбии клиникӣ, дар 41,7% – беҳтаршавии ҳолат) ба даст омадаанд, 1,5 маротиба баландтар аст.

Хулосаҳо дар шакли ниҳоят фишурда мазмуни диссертатсияро ифода менамоянд.

Тавсияҳои амалӣ иҷрошавандаанд ва ба кормандони тиббии кумаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ ва дерматовенерологҳо дар расонидани ёрии аввалияи тиббӣ-профилактикӣ ба беморони бо сироятҳои урогениталие, ки аз сили шуш азият мекашанд, ёрии бевосита мерасонанд.

Навгонии илмии тадкиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар Тоҷикистон зуҳуроти клиникӣ - лаборатории сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар беморони гирифтори сили шуш омӯхта шуданд. Якҷояшавии СБРАҶГ - и урогениталӣ дар беморони сили шуш, инчунин, оризаҳои СБРАҶГ дар мардон ва занон ошкор карда шуд.

Муайян карда шуд, ки истифодаи Азитромитсин ва Тимогар дар якҷоягӣ бо муолиҷаи зиддисилии антибактериалӣ 1,7 маротиба нисбат ба истифодаи набурдани Тимогар ((31,7%) муқобили (18,3%) ҳолат) бештар ба табобати муваффақонаи клиникӣ бурда мерасонад.

Моҳияти амалии кор дар он ифода меёбад, ки ҳангоми пешбурди молиҷаи беморони сили шуш бояд ба назар гирифт, ки ин беморон дар синнусоли репродуктивӣ метавонанд СБРАҶГ -и урогениталии ба шакли торпидӣ ҷараёнёбандаи сирояти омехтаи урогениталӣ дошта бошанд, ки ҳангоми ошкор намудани онҳо дар баробари доруҳои зиддисилӣ бояд макролидҳо ва иммуномодуляторҳо таъин карда шаванд, зеро самаранокии муолиҷаро баланд мебардоранд.

Диссертатсия бо истифодаи методҳои ҳозиразамони тадқиқотӣ анҷом дода шудааст. Аз рӯи мавзӯи диссертатсия 11 мақола нашр карда шудааст, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Унвонҷӯ тамоми талаботҳо оид ба татбиқи натиҷаҳои корҳои диссертатсиониро дар равандҳои табобатӣ ва таълимӣ иҷро намудааст. Онҳо дар фаъолияти амалии МД «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул» ва МД «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷароҳии қафаси сина» татбиқ карда шудаанд. Дар маҷмуъ, кори диссертатсионӣ бо забони соддаю фаҳмо навишта шуда, ба осонӣ ва бо шавқ мутолиа карда мешавад. Ҷадвал ва расмҳои овардашуда натиҷаҳои тадқиқотҳои гузаронидашударо ба таври айёнӣ инъикос менамоянд. Теъдоди ночизи гардишҳои номуваффақонаи услубӣ ба назар

мерасанд, ки кимати диссертатсияи пешниҳодшударо заррае кам намекунанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Гадоев М.А. «Хусусиятҳои клиникӣ - лабораторӣ ва такмили муоличаи беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи чинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш», кори анҷомёфтаи илмӣ-тадқиқотӣ маҳсуб меёбад, ки дар ҳалли масъалаҳои мубрами дерматовенерология самти наверо дар бар мегирад. Аз рӯи мубрамияти худ, навгонии илмӣ, ҳаҷми тадқиқотҳои анҷомдодашуда ва аҳамияти амалии натиҷаҳои ба дастомада кори пешниҳодшуда ба талаботҳои банди 3, фаслҳои 31, 34-и «Тартиби дода шудани дараҷаҳои илмӣ …», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, тасдиқ гардида, барои диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳод шудааст, мувофиқ буда, унвонҷӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ сазовор мебошад.

**Профессори кафедраи дерматовенерология бо курси косметологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ», д.и.т. Қосимов О.И.**

*Маълумот барои тамос: Муассисаи давлатии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ»*
*Суроға: 730426, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 59*
*Тел: +992361820*
*E – mail: info@ipovszrt.tj*
*Web-site: info@ipovszrt.tj*

ПОДПИСЬ Косимова О.И
ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
« 02 » 06 2022